**АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №3, 2014**

**ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №3, 2014**

---

**ПИРХОНОВА Қ. [1]**

# АЗ ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ МАРСИЯИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф дар заминаи маъхазҳои мавҷуда кӯшиш намудааст, ки аз таърихи пайдоиши марсия дар адабиёти форсии тоҷикӣ дарёфту мулоҳизаҳои аввалияи худро баён намояд. Гӯё аввалин марсияро, умуман, Одам сафӣ ва Халифа вафӣ дар марги фарзандашон сурудаанд. Минбаъд марсияҳои Марзкӯ аз пешвоёни Монавӣ, навҳаи Зарир бар турбати падараш, марсияҳои дар «Шоҳнома»-ҳои куҳан ҷойдошта, ки дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ омадааст (бар марги Сиёвуш, аспи Хусрав Шабдиз ва…) аз нахустин сӯгномаҳои адабиётамонанд.

**Калидвожаҳо:** Шакли шеърӣ, марсия, адабиёти форси тоҷикӣ, таърих, ривоят, Марзкӯ, нола, Зарир, Сиёвуш, марсияҳои «Авасто», марги Шабдиз.

Марсия ҳамчун шакли хоси адабӣ таърихи қадимӣ дошта ва замони зуҳури он ба сарнавишти касе пайванд мехӯрад, ки нахустин бор шеър гуфтааст. Ҳарчанд афсонамонанд аст, вале нақли муаллифи» лубобулалбоб» дар боби аввалин шоир ишораи сареҳе ба ҳақиқати ин масъала дорад. Муҳаммад Авфӣ мегӯяд, ки аввалин шеърро ҳазрати Одам сурудааст ва ин расое (марсияе) будааст дар ҳаққи фарзандаш Ҳобил. Яъне таърихи пайдоиши марсия ба ҳамин афсонаи ҳақиқатмонанд гиреҳ мехӯрад [1].

Муҳаммад Авфӣ дар ин боб менависад: «Маймун ибни Меҳрон аз Абдуллоҳ Аббос разиоллоҳу анҳумо ривоят мекунад, нахустин касе, ки дурри суханро дар силки назм кашид Одам сафӣ ва Халифа вафӣ буд салавотуллоҳу ва саломаҳу алайҳ… ва фарзанди азизи худ Ҳобилро кушта ёфт, оташ дар дилаш забона гирифт ва об аз дидаи ӯ равон гашт ва дар вафоти он дури исмат ба гавҳари хушоби ашк рухсораро дар зевар гирифт ва ба забони дард навҳаҳои дилсӯз кард ва ин абётро либоси назм пӯшонид ба бад-ин ашъор бар фарзанди худ навҳа кард» [2].

Дар боби ин ривоят муаллифони дигар низ баҳсҳо карданд, ки мо зикри онҳоро лозим намедонем. Вале як нуқтаро таъкид карданием, ки он чӣ Авфӣ ва дигар муаллифини кутуби адабию таърихӣ дар ин боб овардаанд, нишоне аз ҳақиқат ва воқеияти зиндагии инсонҳо дорад. Яъне, ин ривоят ба мо мерасонад, ки сурудани ашъоре, ки иборат аз таассуф бар марги азизон ва гузаштагон бошад, таърихи қадимӣ дорад. Шояд моҳияти ин ривоят далели қотеъ бар он бошад, ки аз оғози пайдоиши ин шакли адабӣ мухтассоти малмусе доштааст, ки муҳимтарин он унсури отифа ё тахаюл ва эҳсос будааст ва ин аносир дар ин шакли шеърӣ бар ҷанбаи ақлӣ ва истидлолӣ ғалаба доштааст, ки дар тӯли таърих марсияи форсии тоҷикиро шакл додааст.

Таърих дар боби марсиясароӣ пеш аз ислом асноди муҳимме ба дасти мо намедиҳад. Вале далелҳое ҳаст, ки қадимӣ будани шакли баёни отифаю

---

[1] **Адрес для корреспонденции**. Пирхонова Курбоной- соискатель ДГУ Республики Таджикистан. 735320 Республика Таджикистан, Дангаринской р-он, ул. Исмат Шарифов- 123. Тел: 919182100

эҳсосро собит месозанд. Муаррихон ва муҳаққиқон марсияи мазкурро яке аз намунаҳои қадимии ин шакли шеърӣ шинохта, ба забони паҳлавии ашконӣ суруда шудани онро таъйид кардаанд. Дуктур Насруллоҳи Имомӣ дар ин боб менависад, ки «ин марсияи бисёр пухта ва ҷондор, ки ба василаи оқои дуктур Аҳмади Тафаззулӣ ва бар пояи таҳқиқоти Ҳенинг ба форсизабонон муаррифӣ шудааст, нишондиҳандаи вуҷуди таҷрибийоте дар кори марсиясароӣ дар паҳлавии ашконӣ аст» [1].

Марсия дар марги яке аз пешвоёни Монавӣ ба номи Марзкӯ суруда шуда, порае аз онро нақл мекунем:

«Эй омӯзгори бузург, Марзкӯ… эй шубон, эй чароғе, ки зуд хомӯш шудӣ. Чашми мо сиёҳ шуд, камсӯву нобино шуд. Эй гурди рамзу, ки сипоҳи [худ]-ро раҳо кардӣ, лашкареро тарс фаро гирифт ва сипоҳ ошуфта шуд. Эй дарахти бузург, ки шохаҳоят дарҳам шикаст, мурғоне, [ки] ошёнашон фурӯ рехта буд, ларзиданд. Эй хуршеди бузург, ки аз ҷаҳонпаноҳ шудӣ, чашмони мо тар шуд, чи рӯшанӣ, рӯй дар ниқоби хок кашид. Эй сорбон, ки корвонро раҳо кардӣ дар биёбон, кӯҳҳо ва дараҳо; эй дилу ҷон, ки аз мо нопадид шудӣ . Ҳунар, ҳуш ва фар туро хоҳем. Эй дарёи зинда, ки хушк шудӣ, сарчашмаи рӯзгорон нафрин шудааст ва дигар ба пеш наметозанд. Эй кӯҳи заргун, ки мешон дар он мечариданд. Шири барагон банд омад, мешон ба зорӣ нола мекунанд. Эй падари тавоно, ки фарзандони бисёрат ранҷ мекашанд. Фарзандоне, ки бе падар шудаанд…

Эй Марзкӯ! Эй Шубон, омӯзгорони фараҳ, акнун ба беҳбудагӣ аз ту ҷудо шудаем. На бар чашмони ту дигар [тавонем] нигоҳ кард ва на сухани туро шунид» [4].

Аз осори адабиёти паҳлавии хуросонӣ, аз ҷумла «Зарирномак» пораи аз гиряи писари Зарирона дар сари турбати падарашро метавон намунаи марсияе донист, ки баъдтар дар адабиёти достонии мо рушд кардааст ва намунаҳои олии он дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба назар мерасад.

И. Брагинский дар тадқиқоташ «Ёдгориҳои хаттии қадимии Эронӣ» («Памятники древнеиранской письменности») порае аз марсияи зикршударо иқтибос карда, тарҷумаи русӣ ва қаринаҳои онро аз осори Дақиқӣ («Шоҳнома») нақл мекунад, ки ба ҳам сахт қаробате доранд [4].

«Ин марсияро метавон «Нудбаи писари Зарир дар сари турбати падар» номид, ки хусусиятҳои аслии ин шакли шеърро дар худ ҳифз кардааст. Байти авали ин пора-

Алāй, дар гийӣ н
Авжōн-ат кē ҳамватан [5].

Ёди моро ба сӯгвориҳое мебарад, ки минбаъд дар осори ҳамосии форсии тоҷикӣ роиҷ гардидааст ва интизори тадқиқоти алоҳида мебошад.

Дар адабиёти давраи сосонӣ ва зардуштӣ роиҷ набудани ин навъи шеърро баъзе муҳақиқон, аз ҷумла дуктур Насруллоҳи Имомӣ ба он вобаста медонад, ки аз он ҷо ки зардуштиён бо марг ба сурати падидаи комилан мунтазир ва табиӣ бархӯрде мекарданд ва аз он зиёдаравӣ дар шуъон парҳез доштаанд, камтар ба марсия гароиш нишон доданд» [2].

Вале аз тафсири дуктур Ваҳидӣ Ҳусайнӣ бармеояд, ки баъзе пораҳои Авесто, аз ҷумла «Суруши Яшти шаб» мазияте аз марсия дорад, ки ин ҷо мо маҷоли таҳлили муфассали ин мавзуъро надорем [6].

Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ тасвири сареҳи сӯгвориҳои тоисломии мушаххасан ба назар намерасад. Вале дар осори гузаштагон «аз навҳаи

Сиёвуш ва лаҳни Борбад дар марги Шабдиз ёд шудааст, ки агарчи мавриди аввал собиқаи қадимтар аз давраи Сосонӣ дорад, вале ривоҷи он ба эҳтимоли зиёд давраи Сосониро низ дар бар мегирифтааст» [2]. Дуктур Имомӣ дар асоси ин ду маврид аз вуҷуди марсия дар адабиёт ва фарҳанги асри Сосонӣ ҳадс мезанад.

Навҳасароӣ дар марги Сиёвушро китоби «Таърихи Бухоро» низ таъйид мекунад. Аз ҷумла дар ин китоб омадааст:

«Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Наср гӯяд, ки Абдулҳасани Нишопурӣ дар «Хазоинулулум» овардааст, ки [сабаби] бинои Куҳандизи Бухоро, яъне Ҳисораки Арки Бухоро он буд, ки Сиёвуш ибни Кайковус аз падари хеш бигрехт ва аз Ҷайҳун бигзашт ва наздики Афросиёб омад. Афросиёб ӯро бинвохт ва духтари хешро ба занӣ ба вай дод. Сиёвуш хост, ки аз вай асаре монад дар ин вилоят аз баҳри он, ки ин вилоят ӯро ориятӣ буд. Пас вай ин Ҳисори Бухоро бино кард. Ва миёни вай ва Афросиёб бадгӯӣ карданд ва Афросиёб ӯро бикушт ва ҳам андар ин Ҳисор бад-он мавзеъ, ки аз Шарқӣ андарост [ба даруни Коҳфурӯшон] ва онро дарвозаи Ғуриён хонанд, ӯро он ҷо дафн карданд ва муғони Бухоро бад-ин сабаб он ҷойро азиз доранд ва ҳар сол марде он ҷо яке хурӯс барад ва бикушад, пеш аз баромадани офтоби рӯзи Наврӯз. Ва мардумони Бухоро дар куштани Сиёвуш навҳаҳост чунонки дар ҳамаи вилоятҳо маъруф аст ва мутрибон онро суруд сохтанд ва мегӯянд ва қаволонаи онро гиристани муғон хонанд ва ин сухан зиёдат аз се ҳазор сол аст» [6].

Баъзе шавоҳиди дигаре низ ҳаст, ки аз вуҷуди чунин навҳасароӣ дар ҳаққи Сиёвуш дарак медиҳанд. Масалан, Содиқи Ҳидоят дар гузориши «Таронаҳои омиёна» хабар медиҳад, ки «дар маросими сӯгворӣ дар кӯҳи Гелуя заноне ҳастанд, ки маснифҳои бисёр қадимиро бо оҳане ғамнок ба муносибати маҷлиси аъзо мехонанд ва ҳамроҳи он мӯя мекунанд ва ин амалро Сиёвуш (=марги Сиёвуш) меноманд» [7]. Абӯрайҳони Берунӣ низ дар» Осорулбоқия» дар боби навҳаи мардуми Суғд хабар медиҳад, ки низ далели қотеъест дар боби шоеъ будани ин навъи сӯгвориҳо миёни қавмҳои ориёӣ .

Дуктур Насруллоҳи Имомӣ аз қавли эроншиноси Ғарбӣ Ричанд Фрай меравад, ки «далеле вуҷуд надорад, ки алорағми таъйиди чунин маъхуз дар навҳасарои Бухоро, онро бо шакку тардид талаққӣ кунем». Ин муаллиф меафзояд, ки «ҳол ки замина (суруди аҳли Бухоро) сурати қобили қабул ёфт, ин суолҳо матраҳ мешавад, ки оё ин суруд маҷмӯаи ашъоре чанд ҳиҷойӣ ба шакли таронаҳои қадимии мардуми Бухоро ва чизе ҳам монанди марсия Абулянбағи нест? Гузашта аз инҳо агар фарзро бар ин бигзорем, ки навҳаи Сиёвуш дар тадовули айёйм аз лиҳози лафз ва сурат дучори тағйир шуда бошад ва танҳо мазмуни он ба лаҳҷаи қадими Бухороӣ дар қолаби ашъор боқӣ будааст, оё боз ҳамонро ба унвони намунае аз марсияҳои Эрони пеш аз ислом бипазирем?»

Вале баъзе аз тадқиқоти дигар, ки дар ин замина анҷом гирифтанд, аз ҷумла ёдкарди Забеҳуллоҳи Сафо [8] мақолаҳои Абулҳусайни Зарингӯ [9], Алӣ Ҳасурӣ [10] ҳар гуна тардидро дар боби пешнамунаи марсияҳои будани суруди аҳли Бухоро комилан аз байн мебарад. Аз ҷумла, муаллифи сонӣ дар мақолаҳои» Сиёвашон» бо таҳқиқ ва арзёбии заминаҳои асотирии ин мавзӯъ ба чунин хулоса меояд, ки «маънии таърихи қазия ин аст, ки «Сиёвашон боз ҳам дар асре, ки дасти мо ба он намерасад – асри пеш аз хату ривоҷи кори бадхонон – ба ҳамин шакл, яъне талқини як бунёди тутимик бо як устураи

кашоварзӣ даромадааст. Аммо аз он ҷо, ки андак дастрасии таърихӣ ба он дорем, дигар ба як шакл боқӣ намонда, ҳам аз назари таърихӣ ва ойине таҳаввул ёфта ва ҳам аз назари ҷуғрофиёни роҳ паймуда ва ёдгори худро на танҳо дар зодгоҳи худ, Осиёи Марказӣ, балки то дурдастҳо аз Чин то ғарби Эрон боқӣ гузоштааст. Билохира, бо нуфуз дар «Шоҳнома» ва дар омадан ба шакли яке аз ҷонгудозтарин сӯгномаҳои таърих – алорағми ҳамаи ҷараёнҳои таърихӣ ва ойинӣ ба ҷовидонагӣ пайвастааст» [10].

Муалифони кутуби адабӣ ва таърихӣ моҷарои марги Шабдизро ҳамчун далели вуҷиди марсия дар адаби пеш аз ислом таъқид кардаанд. Аз ҷумла, муаллифи «Муъзамул булдон» Ёқути Ҳумавӣ менависад, ки Шабдиз аспи маҳбуби Хусрави Парвиз бемор мешавад. Хусрав, ки аз марги аспи худ ҳараснок аст, изҳор мекард, ки ҳар кас хабари марги ӯро ба ман биёварад, кушта хоҳад шуд. Шабдиз саранҷом мемирад ва раиси истабли салтанатӣ чорае надорад ҷуз он ки хабари маргро ба иттилоъи Хусрав бирасонад. Аз ин рӯ, саранҷом ба Борбад мутавассил мешавад. Борбад мепазирад, ки дар ин роҳгузар чорае дар ҳузури шоҳ ҳозир мешавад, бо баёне ҳазин қиссаи марги Шабдизро сар медиҳад. Дар ин миён Хусрав фарёд мезанад: «Вой бар ту Шабдиз мурд» Борбад мегӯяд: «Хусрав чунин фармуданд»! Боре Хусрав пас аз ин воқеа аз шоирони араб, аз ҷумла Холиди Файйоз ба назм даровrouted.

Шеъри ин шоир бардоште шоирона аз ҳодисаи зикршуда буда, Ёқут дар китобаш онро иқтибос кардааст.

Дар боби куҳнатарин намунаи шеъри форсии тоҷикӣ то имрӯз суханҳои бисёр гуфта шудааст, вале боз ҷойи сухан ҳаст. Ҳатто яке аз охирин ҷустуҷӯҳо, мақолаи Абдулҳусайни Зарринкӯб «Суруди аҳли Бухоро» байтеро ҳадя овард, ки арзиши адабӣ ва таърихӣ дорад [9]. Ҷустуҷӯ дар боби марсияҳои аввалин ва аввалин гӯяндаи он низ мисли сарнавишт ва ҳуввияти шоири аввалин ва шеъри аввалин аст. Бо вуҷуди ин, дар заминаи он чи дар боби оғози марсиясароӣ дар адаби форсии тоҷикӣ гуфта шуд, метавон хулоса кард, ки намунаҳои зикршуда далели қотеъи вуҷуди ин шакли шеърӣ дар адаби форсии пеш аз ислом аст. Худи санади зикри воқеияти малмус, дар марсия (мисли марги Марзкӯ, Сиёвуш, марги Шабдез), ки ҳатто то ҷое санади мушаххасоти тарҷумаҳолӣ низ ҳаст, вуҷуди ин шакли шеърироро комилан собит месозад. Беш аз ин, пораҳое, ки зикр шуд, огандаи андешаи отифӣ ва эҳсос аст, ки минбаъд ҳамчун мухтассоти шаклӣ ва маънавии ин шакли шеърӣ ташаккул ёфтаанд.

**Адабиёт**

1. Муҳаммад Авфӣ . Лубобулалбоб. Аз рӯи чопи профессор Браун, китобфурӯшии Фахри Розӣ, таърихи чоп баҳори 61. 1035 с.

2. Имомӣ, Насруллоҳ. Марсиясароӣ дар адабиёти форсии Эрон. Аҳвоз: Интишороти дафтари марказии ҷиҳоди донишгоҳӣ, 1369.-С. 20.

3. Тафазулӣ, Аҳмад. Шеъре дар расои Марзкӯ // Роҳнамои китоб, соли 10, шумораи 6.- С. 588 – 589.

4. И. Брагинский. Памятники древнеиранской письменности. – Дар китоби И. Брагинский. Из истории таджикской и персидской литератур. – Москва: Издательство» Наука», 1972.-С. 44-165.

5. Дар нусхаи В. Ҳейгер ба ин тарз омадааст:

Алāй, равшан-и ҷāн, ҷавшан-ат кē ҳамвāшт

6. Ваҳидӣ, Ҳусайн. Аспи сапеди хуршед (Набарди рӯшноӣ ва торикӣ дар Эрон – Теҳрон: чопхонаи «Сикка», 1369.-С. 286-290.)

7. Содиқи Ҳидоят. Таронаҳои омиёна.-Теҳрон, 1318.-С. 81. Низ. Шинохтномаи Содиқи Ҳидоят. Гирдоваранда Шаҳроми Баҳорлуйиён, Фатҳуллоҳи Исмоилӣ- Теҳрон: Нашри Қатра, 1389. – С. 83-86.
8. Забеҳуллоҳи Сафо. Таърихи адабиёти Эрон.-Душанбе, 2001.-С. 37
9. Абдулҳусайни Зарринкӯб. Суруди аҳли Бухоро. Куҳнатарин намунаи шеър ба забони форсӣ // Яғмо.-С. 11ш. 7. (1337).-С. 289-93.
10. Алӣ Хаурӣ . Сиёвашон // Симурғ, с. 1, ш. 7/9 (1369).-С. 34-36.

**ПИРХОНОВА К.**

## ИЗ ИСТОРИИ ВОЗНИКНОВЕНИЯ ПЕРСИДСКО – ТАДЖИКСКОГО ЖАНРА «МАРСИЯ» («ЭЛЕГИЯ»)

В статье на основе достоверных источников автор пытается рассмотреть историю возникновения жанра «марсия» («элегия») в персидско – таджикской литературе. По преданию, будто первую марсию сочинили Адам, и впоследствии Халифа Вафи по поводу смерти своих сыновей. Затем стала известной элегия Марзку по случаю смерти отца, одного из предводителей династии Мани,. До нас дошли старые элегии «Шахнаме» Фирдоуси, к примеру по случаю смерти Сиявуша, коня Хусрава Шабдиза и т. д. По мнению автора эти элегии считаются одними из первых, сочиненных в истории персидско – таджикской литературы.

**Ключевые слова**: персидско – таджикская литература, жанр, элегия, Адам, Фирдоуси, Шахнаме», Сиявуш, Хусрав, Шабдиз, история смерт.

**PIRHONOVA Q.**

## FROM THE HISTORY OF PERSIAN – TAJIK JANRE “MARSIYA”

The anthor attempts in his article to follav the history of aperence of janre “marsiya” in tajik literature. The avthornamed sone elegic works like Marzku, Shahnama ets. We have some coppies of the old elegic worn of shahname, like abaut the death of Siyairesh, Khasraw shabdiz’s harse and otlurs. The auhar is sure that elegic works are first works in tajik-persian literature.

**Key words:** Persian – tajik, literature, janre, Adam, Firdausy, Shahnama, history of death.